# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия Г.Н. Зокиров – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, аъзоён Н.Қ. Амонов – номзади илмҳои психологӣ, дотсент ва А.Р. Мансурова – номзади илмҳои психологӣ, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи он муқаррар карда шудааст.

Масъалаи таҳқиқшуда аҳаммияти муҳимми назариявию илмӣ ва амалиро соҳиб мебошад. Ба ибораи дигар, масъалаи омӯзиши психологияи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми замони муосирро ташкил медиҳад. Бо истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, илми ватанӣ низ истиқлолиятро ба даст овард ва дигар соҳаҳои илмӣ таҳқиқотҳои илмии хешро вобаста ба дастовардҳои даврони истиқлолият дар тафовут бо даврони шуравӣ ташкил ва баргузор намуданд. Дар ин замина, аз ҷониби диссертант таҳқиқи рушди психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ психологияи ватанӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди

худшиносӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, пешгирии мардум аз пайомадҳои хатарзои шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ далолаткунандаи муҳиммияти фаъолияти психолог дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мебошад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, муҳаққиқи ҷавон масъалаи мазкурро бо асоснокунонии илмӣ мубрам дониста, ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор додааст.

Мавриди тазаккур аст, ки аз ҷониби олимони ватанӣ психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон, ҳам аз ҷониби педагогон, ҳам аз ҷониби файласуфон ва ҳам аз ҷониби психологон, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия муҳаққиқони ватание оварда шудаанд, ки корҳои илмию таҳқиқотии онҳо ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд: Р.Э. Устоев, Н.Н. Турсунов, Р. Атохонов, Н.М. Юнусова, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов, Г.Н. Абдураҳмонов, Ҳ.А. Зайтметов, С.З. Латифзода ва дигарон. Масалан, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ Зайтметов Ҳ.А. қобилияти эмпатия дар психологони оянда ва аз ҷониби Абдураҳмонов Г.Н. бошад, дар бораи омода намудани психологони оянда ҷиҳати кор бо кӯдакони лаёқатманд рисолаҳои илмӣ ҳимоя шудааст.

Аммо бо вуҷуди шумораи муайяни корҳои илмию таҳқиқотӣ рушди психологияи илмию амалӣ ва хусусиятҳои психологии ин фаъолият ба таври мушаххас дар ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Хулоса, мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар доираи масъалаҳои зикргардида мубрамияти онро собит месозанд.

**Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло комиссияи экспертӣ чунин пешниҳодот ирсол менамояд:**

1. Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" тибқи талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши рушди психологияи ватаниро дар заминаи ҷаҳонишавии ҷомеаи муосир фаро мегирад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми июли соли 2024 тахти №223/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияро барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 8 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 4 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Искандарзода Манижа Раҳматуло истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (дотсентӣ, профессорӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар он ифода

меёбад, ки пурсишномаҳо аз ҷониби диссертант таҳиягардида, аз тарафи коршиносон қобили қабул дониста шуда, бо дарназардошти усулҳои муосири таҳқиқот ва принсипҳои илмӣ таҳия ва гузаронида шудаанд.

6. Рисола ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, умумият ва ягонагии дохилиро ташкил медиҳад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи: “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мувофиқат менамоянд.

**Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи: “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Зайтметов Ҳусайн Авазхонович** – доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии

таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”;

– **Холиқзода Холмаҳмад Холиқ** – номзади илмҳои психологӣ, ходими илмии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар — Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Г.Н. Зокиров

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент Н.Қ. Амонов

номзади илмҳои психологӣ, дотсент А.Р. Мансурова

“ 17 “ 04 соли 2026

Имзои профессор Г.Н. Зокиров ва дотсент Н.Қ. Амоновро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э.Ш. Шодихонзода

“ 17 “ 04 соли 2026

Имзои дотсент А.Р. Мансуроваро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи Б. Ғафуров Сайдуллозода З.С.

“ 17 “ 04 соли 2026